# ТАҚРИЗИ

роҳбари илмӣ ба таҳқиқи диссертатсионии унвонҷӯ Сафарзода Дилшод Ғанӣ дар мавзуи “Энергиясамаранокии биноҳои муассисаҳои таҳсилоти умумии муосир (дар мисоли Тоҷикистон)”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ, аз рӯи ихтисоси 2.1. Геология, геодезия, гидрология, сохтмон, меъморӣ (2.1.2. Конструксияҳои сохтмонӣ, биноҳо ва иншоот) пешниҳод шудааст

*Мубрамии мавзӯи таҳқиқот.* Боиси зикр аст, ки аз оғози соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби роҳбарияти олии мамлакат ба соҳаи маорифу илм диққати ҷиддӣ дода мешавад. Дар ин марҳилаи нави барои Тоҷикистон тақдирсоз, нисбати таълиму тарбияи насли наврас ва умуман илму маориф, муносибатҳои муосири сифатан наву самаранок ба даст оварда шудаанд. Чуноне, ки дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи маориф қайд гардидааст, он асосҳои ҳуқуқӣ, ташкилӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва принсипҳои асосии сиёсати давлатиро дар соҳаи маориф муайян кардааст. Сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб меёбад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаҳо ҷиҳати амалисозии энергиясарфаҷӯйӣ ва энергиясамаранокии равандҳои гуногуни иқтисодиёти кишвар, аз ҷумла лоиҳакашӣ сохтмон ва истифодабарии биноҳо ва иншоот дар асоси талаботи бандҳои Қонуни ҶТ “Дар бораи энергиясарфаҷӯйӣ ва энергиясамаранокӣ”, ки ҳанӯз дар даҳсолаи дуюми асри XXI қабул ва мавриди татбиқ гирифтааст, ҳаллу фасл мегардад.

Ҳалли маҷмуъии мушкилоти муккамалсозии меъмории биноҳои МТМУ баназргирии тамоми системаи омилҳои бо ҳам пайванд, аз ҷумла, иҷтимоӣ, педагогӣ, меъмориву сохтмонӣ, муҳандисӣ, иқлимӣ, беҳдоштӣ, экологиву иқтисодӣ ва ғайраро тақозо менамояд.

Дар ин робита, яке аз мушкилоти актуалии илмиву техникӣ дар самти лоиҳакашӣ, сохтмон ва истифодабарии биноҳо таъмини сарфаҷӯйӣ ва самаранокии энергетикии биноҳо, аз ҷумла биноҳои МТМУ, ба ҳисоб меравад.

Сафарзода Дилшод Ғанӣ соли 1999 ба Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ, факултети сохтмон ва меъморӣ дохил шуда, онро аз рӯйи ихтисоси сохтмони саноатӣ ва шаҳрвандӣ бо дипломи аъло соли 2004 хатм намудааст.

Унвонҷӯ Сафаров Д.Ғ. фаъолияти меҳнатии худро солҳои 2004-2006 ба ҳайси ёрдамчии усто ва устои (мастер) ҶДММ «Қизил-Мазор» оғоз намуда, солҳои 2006-2008 дар вазифаи сармуҳандиси ҶДММ «Комрон» ва солҳои

2008-2008 - сармуҳандиси ҶДММ «Манораи Баланд»-и ноҳияи Темурмалик фаъолият кардааст.

Солҳои 2008-2012 дар вазифаҳои сармутахассиси шуъбаи техникӣ-истеҳсолӣ, солҳои 2012-2020 - муовини сардор ва солҳои 2020-2023 - сардори раёсати сохтмони асосии назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон адои хизмат намудааст.

Аз 26 июни соли 2023 то моҳи марти соли 2025 вазифаи муовини вазири Маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба уҳда дошта, аз 19 марти соли 2025 бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз 19 марти соли 2025, № 983) раиси ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе таъин гардидааст.

Кори диссертатсионии Сафарзода Д.Ғ. аз муқаддима, чор боб, 19 зербоб, хулоса, тавсияҳо ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

Дар муқаддимаи диссертатсия мувофиқати мавзуи кор асоснок карда шуда, мақсаду вазифаҳо, объект ва мазӯи таҳқиқот, навгонии илмӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот, нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳо, мувофиқати диссертатсия ба шиносномаи илмӣ, саҳми шахсии довталаб дар таҳқиқот дарҷ гардидаанд.

Дар боби якум асосҳои ташаккули муҳити меъмориву фазогии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ мавриди баррасӣ қарод дода шуда, аз ҷумла масъалаҳои марбут ба муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, намуд ва сохтори ташкилии онҳо, хусусиятҳои раванди таъинотӣ ва педагогӣ, марҳилаҳои раванди таъинотии фаъолияти МТМУ, ки маҷмӯи ҳуҷраҳои онро муайян месозанд, таҳқиқи масъалаҳо марбут ба миқдори ошёнаҳои биноҳои муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, муҳити физикиву беҳдоштии ҳуҷраҳо ва инчунин талаботи асосӣ оиди лоиҳакашии зилзилатобоварии биноҳои муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ таҳлилу таҳқиқ шудаанд.

Боби дуюм ба таҳлили омилҳои иқлимӣ ва таҳқиқи энергиясамаранокии конструксияҳои иҳотавии биноҳои МТМУ бахшида шуда, дар он хусусиятҳои иқлимӣ ва таъсири онҳо ба энегиясамаранокии МТМУ,_ташаккулёбии микроиқлими ҳуҷраҳои МТМУ дар шароити иқлими ҶТ, омузиши нишондиҳандаҳои энергиясамарнокӣ ва системаҳои сертификатҳои энергетикӣ дар мамолики хориҷи кишвар, заминаҳои меъёрию ҳуқуқии нишондиҳандаҳо ва синфбандии энергиясамаранокии биноҳо дар ҶТ, таҳқиқи назариявии талафоти гармӣ ба воситаи конструксияҳои иҳотавӣ ва таҳқиқи воқеии энергиясамаранокии

конструксияҳои иҳотавии МТМУ, инчунин масъалаҳо оид ба беҳсозии энергиясамаранокии МТМУ тавассути конструксияҳои иҳотавии амудӣ ва уфуқӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

Дар боби сеюми рисола "Амсиласозии рақамии таъмини зилзилатобоварии биноҳои мтму бо истифода аз методи унсурҳои охиринок" ба масъалаҳо марбут ба амсиласозии рақамии таъмини зилзилатобоварии биноҳо бо истифода аз методи унсурҳои охиринок (МУО), ки яке аз воситаҳои муҳим дар самти сохтмон ва муҳандисӣ ба ҳисоб меравад, бахшида шудааст.

Дар боби мазкур ҳисоби бинои синчии 2-ошёнаи намунавии МТМУ бо деворҳои худбардори хиштӣ бо истифодаи МУО амалӣ карда шудааст. Муайян карда шудааст. ки дар қиёс бо бинои танҳо синчӣ дар мавриди мазкур як қатор хусусиятҳо корӣ, аз қабили тағйирёбии мазбутӣ ва давраҳои лаппиш, тақсимоти борҳо дар байни синчу деворҳо, арзёбии мустаҳкамии гиреҳҳои пайвастшавӣ, бартарии истифодаи унсурҳои коструктивии лавҳавӣ (пластина) ва ғайра ба чашм мерасанд ва бояд ба инобат гирифта шаванд.

Боби чоруми рисола "Тавсияҳои ҳалли тарҳию ҳаҷмӣ ва конструктивӣ ҷиҳати баланд бардоштани самаранокии энергетикии биноҳои МТМУ" номида шудааст ва дар он таҳқиқи масъалаҳо оиди таҳияи тавсияҳои ҳалли тарҳию ҳаҷмӣ барои баланд бардоштани самаранокии энергетикии биноҳои МТМУ, оид ба баланд бардоштани самаранокии энергетикии конструксияҳои амудӣ ва уфуқии биноҳо, усули аналитикии муайян намудани сарфияти нисбии энергияи бинои муассисаҳои миёнаи таҳсилоти умумӣ ва самаранокии иқтисодии бинои онҳо, аз нуқтаи назари сарфияти энергия барои гармкунӣ дар мавсими сармо пешниҳод гардидаанд.

Дар хулоса ва пешниҳодҳо натиҷаҳои асосии таҳқиқи илмӣ ҷамъбаст гардидаанд.

Нуқтаҳои илмӣ ва натиҷаҳои диссертатсия илман асоснок буда, бо далелҳои муътамадини назариявӣ-методӣ ва таҳлили мустаҳкам карда шудаанд. Муҳтавои асосии диссертатсия дар мақолаҳои илмии нашргардида ва баромадҳои муаллиф дар конференсияҳои сатҳи гуногун инъикос ёфтаанд.

*Хулоса,* диссертатсияи Сафарзода Дилшод Ғанӣ, дар мавзуи "Энергиясамаранокии биноҳои муассисаҳои таҳсилоти умумии муосир (дар мисоли Тоҷикистон)" ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267) ва дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия (қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 декабри соли 2024, № 493) ҷавобгӯ буда, ҷиҳати сазовор гардидан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ, аз рӯи ихтисоси 2.1. Геология, геодезия, гидрология, сохтмон, меъморӣ (2.1.2. Конструксияҳои сохтмонӣ, биноҳо ва иншоот) барои ҳимоя пешниҳод карда мешавад.

Роҳбари илмӣ:
доктори меъморӣ,
профессори ДТТ ба номи
академик М.С. Осимӣ ____________ Ҳасанзода Н.Н.

“20” 02 соли 2026.

Суроға: 734000, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
Шаҳри Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур,
кӯчаи С.Айнӣ, 297, манзили 5.
Телефон: (+992) 907 700 712.
E-mail: kapitelh@mfil.ru

Имзои роҳбари илмӣ Ҳасанзода Н.Н.-ро тасдиқ мекунам.
Сардори раёсати кадрҳо ва
корҳои махсуси ДТТ ба номи
академик М.С.Осимӣ ____________ Қодирзода Н.Х.

Суроға: 734000, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
Шаҳри Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур,
кӯчаи Академикҳо Раджабовҳо, 14.
Телефон: +992 (37) 221-35-11.
E-mail: ttu@ttu. tj , Web: www.ttu.tj
“____” _________ соли 2026.